Бо қарори   Шурои методии Муассисаи
давлатии «Маркази ҷумҳуриявии
таълимию методии назди Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон»
аз  «______» _____с. 2025№ ________
тасдиқ шудааст

# НИЗОММНОМАИ
# ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ КАДРӢ ВА КОРГУЗОРИИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТИКИСТОН

Душанбе-2025

# 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Низомномаи шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузории Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи маориф Оинномаи Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02. 01. 2025, №1401 тасдиқ шудааст таҳия гардида, фаъолияти шуъбаро ба танзим медарорад.

2. Шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузорӣ (минбаъд шуъба) воҳиди сохтории Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Марказ) буда, дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, Низомномаи мазкурро ба асос ва роҳбарӣ мегирад.

3. Фаъолияти шуъбаро мудири шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузории Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ менамоянд.

4. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии тасдиқкардаи Марказро шуъба танҳо бо иҷозати директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

# 2.СОХТОР ВА ТАРТИБИ ТАШКИЛИ ШУЪБА ВА ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

5. Мувофиқи ҷадвали басти воҳидҳои корӣ дар сохтори шуъба панҷ нафар корманд фаъолият менамояд, ки онро директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд:

мудири шуъба
сармутахассис 1,
сармутахассис 2,
ҳуқуқшинос
котиба.

6. Шуъбаро мудир роҳбарӣ менамояд ва аз тарафи директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Мудири шуъба аз рӯйи вазифаҳои ба зиммаи шуъба гузошташуда масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

Сармутахассиси 1, сармутахассиси 2 , ҳуқуқшинос ва котиба сохтори шуъбаро ташкил намуда, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

7. Мудири шуъба тамоми фаъолияти кории шуъбаро роҳбарӣ намуда, аз номи шуъба баромад менамояд.

# 3.ВАЗИФАҲО ВА ФУНКСИЯҲОИ АСОСИИ ШУЪБА

8. Шуъба таҳияи фармоиш ва ҳуҷҷатгузориҳои самти кадриро ба ухда дошта, дар асоси пешниҳоди раёсат ва шуъбаҳои Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ фармоиш таҳия намуда, онҳоро барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

9. Оид ба масъалаҳои дахлдори дар салоҳияти шуъба буда мактубҳои дастурӣ ва ҳуҷҷатҳои дигарро интишор менамояд.

10. Ба кормандони Марказ ва шаҳрвандони ниёзманд оид ба масъалаҳои ба миёномада маслиҳатҳо медиҳад.

11. Мактубу ариза ва дархосту шикоятҳои ба шуъба воридшударо сари вақт дида баромада, ба муаллифон ҷавоб омода менамояд.

12. Қабул, коркарди саривақтии ҳуҷҷатҳо ва барои имзо омода намудани онҳоро таъмин менамояд.

13. Иҷрои мунтазами супоришҳои директорро таъмин мекунад.

## 4.ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

14. Аз раёсат ва шуъбаҳо маълумоти зарурироро талаб менамояд.

15. Дар ҳолатҳои зарурӣ маводи зарурироро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод мекунад.

## 5.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

16. Низомномаи мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба мудири шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана супорида мешавад.

17. Ҳангоми тағйир ёфтан, азнавташкилдиҳии шуъба ё Марказ ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Низомномаи шуъба мегарданд, Низомнома аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

«Тасдиқ мекунам»
Директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

______________ Ш. Каримзода
«____» _________ соли 2025

Дар мувофиқа бо Кумитаи иттифоқи касабаи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

________________ Т.Турдиев
«____» _________ соли 2025

# ВАЗИФАҲОИ ХИЗМАТИИ КОРМАНДОНИ ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ КАДРӢ ВА КОРГУЗОРИИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе -2025

# ДАСТУРАМАЛИ
# ВАЗИФАВИИ МУДИРИ ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ КАДРӢ ВА КОРГУЗОРИИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Номи вазифа- мудири шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузории Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мудири шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузории Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мудири шуъба) аз тарафи директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ (минбаъд диретори Марказ) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва ва аз вазифа озод карда мешавад.

3. Ишғолкунандаи вазифаи мазкур ба директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Дар давраи муваққатан дар кор набудани мудири шуъба, иҷрои уҳдадориҳои вазифаии ӯ ба сармутахассиси 1 шуъба вогузор карда мешавад.

5. Мудири шуъба бо роҳбарон ва кормандони Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ (минбаъд Марказ) ҳамкорӣ менамояд.

## 2. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ

6. Барои мудири шуъба талаботи зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси мувофиқ, 3- сол собиқаи кори вазифавӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, забони русӣ, як забони хориҷӣ;

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;

-мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- мавҷудияти малакаи хуби муошират.

- кор карда тавонистан бо компютер.

## 3. УҲДАДОРИҲОИ МУДИРИ ШУЪБА

7. Роҳбарии умумӣ ва назорати фаъолияти шуъбаро роҳбарӣ менамояд, аз рӯйи вазифаҳои ба зиммаи шуъба гузошташуда масъул мебошад.

8. Ҷиҳати таҳияи нақшаи Марказ, шуъба ва нақшаи кори нимсолаи (солонаи) худ ба директори Марказ таклиф пешниҳод менамояд.

9. Дигар супоришҳои директори Марказро иҷро менамояд.

## **4.** ҲУҚУҚҲОИ МУДИРИ ШУЪБА

10. Мудири шуъба ҳуқуқҳои зерин дорад:

- маводи дар ихтиёри Марказ қарордоштаро омӯзад;

-дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, иштирок намояд;

## 5. МАСЪУЛИЯТИ МУДИРИ ШУЪБА

11. Мудири шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузорӣ дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- пешниҳод кардани маълумоти дуруст оид ба тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;
- мавҷуд набудани мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ҳангоми таъин намудан ба вазифа ва дар вазифа будан;
- сари вақт ва ё ба тарви дахлдор иҷро кардани уҳдадориҳои вазифавӣ, риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ.

12. Мудири шуъба барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои вазифавӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ муҷозот кашида мешавад.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

13. Дастурамали вазифаии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба мудири шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои вазифавӣ супорида мешавад.

# ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАИИ САРМУТАХАССИС (1) ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ КАДРӢ ВА КОРГУЗОРИИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Номи вазифа - сармутахассиси (1) шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузории Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Сармутахассиси (1) шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузории Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ (минбаъд сармутахассиси (1) шуъба) аз тарафи директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва озод карда мешавад.

3. Ишғолкунандаи вазифаи мазкур ба директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ ва мудири шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузорӣ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мудири шуъба, иҷрои уҳдадориҳои вазифаии ~~ӯ~~ мудири шуъба ба сармутахассиси (1) шуъба ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси (1) шуъба, иҷрои уҳдадориҳои вазифаиаш ба сармутахассиси (2) шуъба вогузор карда мешавад.

## 2.ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ

5. Барои вазифаи сармутахассиси (1) шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии педагогӣ;
- 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, забони русӣ ва як забони хориҷӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер.

## 2. УҲДАДОРИҲОИ ВАЗИФАИИ САРМУТАХАССИСИ (1) ШУЪБА

6. Сармутахассиси (1) шуъба корро оид ба мутобиққунии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабулшуда амалӣ менамояд.

11. Ҳисоботи ҷамъбастии семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солонаи Марказро дар якҷоягӣ бо сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳо таҳия карда, ба директори Марказ пешниҳод менамояд.

## 3. ҲУҚУҚҲОИ САРМУТАХАССИСИ(1) ШУЪБА

7. Сармутахассиси (1) шуъба дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

шуъбаро ба дигар раёсат ва шуъбаҳои Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ он пешбарӣ намояд;

- дар вохӯрӣ, маҷлис ва семинарҳо иштирок намояд;
- аз раёсат, шуъбаҳои Марказ маълумоти лозимаро талаб намояд;

## 5. МАСЪУЛИЯТИ САРМУТАХАССИСИ (1) ШУЪБА

8. Сармутахассиси (1) шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- сари вақт ва ё ба таври дахлдор иҷро кардани уҳдадориҳои вазифавӣ, риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

17. Сармутахассиси (1) шуъба барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои вазифавӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ муҷозот кашида мешавад.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

9. Дастурамали вазифаии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба сармутахассиси (1) шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб дар дастурамалҳои вазифавӣ супорида мешавад.

# ДАСТУРАМАЛИ
# ВАЗИФАИИ САРМУТАХАССИС (2) ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ КАДРӢ ВА КОРГУЗОРИИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Номи вазифа - сармутахассиси (2) шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузорӣ .

2. Сармутахассиси (2) шуъбаи таъминоти Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, (минбаъд сармутахассиси (2) шуъба) аз тарафи директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд

директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва озод карда мешавад.

3. Ишғолкунандаи вазифаи мазкур ба мудири шуъба ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси 1 шуъба, иҷрои уҳдадориҳои вазифаии ӯ ба сармутахассиси (2) шуъба ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси (2) шуъба, иҷрои уҳдадориҳои вазифаиаш ба сармутахассиси 1 шуъба вогузор карда мешавад.

## 2. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ

5. Барои вазифаи сармутахассиси (2) шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олӣ;
- 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, забони русӣ ва як забони хориҷӣ.

## 3.УҲДАДОРИҲОИ ВАЗИФАИИ САРМУТАХАССИСИ (2) ШУЪБА

6. Табели қайди фаъолияти кормандони Марказро пеш мебарад.

7. Ҷамъкуниӣоварӣ, ташкили маводҳо ва омодакунии санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшавандаро ба амал мебарорад.

## 3. ҲУҚУҚҲОИ САРМУТАХАССИСИ (2) ШУЪБА

8. Сармутахассиси (2) шуъба дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- шуъбаро ба дигар раёсат, шуъбаҳои Марказ пешбарӣ мекунад;
- дар вохӯриҳо, маҷлисҳо, семинарҳо оид ба кори шуъба иштирок намояд;
- аз раёсат ва шуъбаҳои Марказ маълумоти лозимаро талаб намояд

## 4. МАСЪУЛИЯТИ САРМУТАХАССИСИ (2) ШУЪБА

9. Сармутахассиси (2) шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- сари вақт ва ё ба таври дахлдор иҷро кардани уҳдадориҳои вазифавӣ, риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- роҳ надодан ба истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти давлатӣ, ки барои уҳдадориҳои вазифавӣ ҷудо карда шудаанд;

10. Сармутахассиси (2) шуъба барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои вазифавӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ муҷозот кашида мешавад.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

11. Дастурамали вазифаии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба сармутахассиси (2) шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана бақайдгирии дастурамалҳои вазифавӣ супорида мешавад.

# ДАСТУРАМАЛИ
# ВАЗИФАИИ ҲУҚУҚШИНОСИ ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ КАДРӢ ВА КОРГУЗОРИИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Номи вазифа – ҳуқуқшиноси Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ҳуқуқшиносӣ шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузорӣ Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва озод карда мешавад.

3.Ишғолкунандаи вазифаи мазкур ба мудири шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузорӣ (минбаъд мудири шуъба) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси (2) шуъба, иҷрои уҳдадориҳои вазифаии ҳуқуқшиноси шуъба ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани ҳуқуқшиноси шуъба, иҷрои уҳдадориҳои вазифаиаш ба сармутахассиси (2) шуъба вогузор карда мешавад.

5. Ҳуқуқшиноси шуъба бо кормандони Марказ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбӣ ҳамкорӣ менамояд.

## 2. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ

6. Барои ишғоли вазифаи ҳуқуқшинос талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ;
- 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер.

## 3. УҲДАДОРИҲОИ ВАЗИФАИИ ҲУҚУҚШИНОСИ ШУЪБА

7. Додани тавсияҳои ҳуқуқӣ ва иштирок дар чорабиниҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ. Назорати риояи интизоми меҳнатии кормандон

8. Назорати фармоишҳо аз ҳисоби банду баст ва нигоҳи ҳуқуқӣ, мувофиқати таҳияи фармоиш ва дигар ҳуҷҷатҳо тибқи қонунгузорӣ.

9. Ҷиҳати таҳияи нақшаи шуъба ва нақшаи кори нимсолаи (солонаи) худ ба мудири шуъба таклиф пешниҳод менамояд.

10. Ҳар рӯз оид ба ҳаракати маводҳо дар дафтарҳои бақайдгирӣ қайдҳо мегузорад.

11. Муқоваи парвандаҳои ташкилшавандаро тибқи феҳрист тартиб (ҷузъбандӣ, рақамгузории варақаҳо, навиштаҷоти тасдиққунанда) медиҳад, пеш мебарад, ҳуҷҷатҳоро бо тартиби муқарраргардида омода намуда, нигоҳдорӣ ва ба бойгонӣ супоридани онҳоро таъмин менамояд;

12. Ҳуҷҷатҳоро барои архив ва ё нобудкунӣ омода менамояд.

## 4. ҲУҚУҚҲОИ ҲУҚУҚШИНОС

13. Ҳуқуқшинос ҳуқуқҳои зерин дорад:

- маводҳои дар ихтиёри шуъба қарордоштаро омӯзад;
- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, иштирок намояд.

## 4. МАСЪУЛИЯТИ ҲУҚУҚШИНОСИ ШУЪБА

14. Ҳуқуқшиноси шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- пешниҳод кардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба кор, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;
- риоя кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;
- риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

15. Ҳуқуқшинос барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои вазифавӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ муҷозот муҷозот карда мешавад.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

16. Дастурамали вазифаии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба мутахассиси пешбари шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои вазифавӣ супорида мешавад.

# ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАИИ КОТИБА ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ КАДРӢ ВА КОРГУЗОРИИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Номи вазифа – котибаи Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

2. Котибаи шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузорӣ Маркази ҷумҳуриявии таълмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ) аз тарафи директори Маркази ҷумҳуриявии таълмию методӣ мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешавад.

3.Ишғолкунандаи вазифаи мазкур ба мудири шуъбаи таъминоти кадрӣ ва коргузорӣ (минбаъд мудири шуъба) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад

## 2. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ

4. Барои ишғоли вазифаи котиба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер.

## 5. УҲДАДОРИҲОИ ВАЗИФАИИ КОТИБАИ ШУЪБА

5. Масъули коргузории шуъба буда, сабти ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротии шуъбаро иҷро намуда, нигоҳдории онҳоро дар парвандаҳои муқаррargardida таъмин менамояд.

6. Оид ба гардиши ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ ба мудири шуъба ахборот пешниҳод менамояд.

## 4. ҲУҚУҚҲОИ КОТИБА

- маводҳои дар ихтиёри шуъба қарордоштаро омӯзад;
- бо тартиби муқарраргардида аз шуъба маълумот ва маводҳои заруриро талаб карда гирад;

## 5. МАСЪУЛИЯТИ КОТИБАИ ШУЪБА

7. Коргузори шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- риоя кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;
- риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

8. Дастурамали вазифаии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба мутахассиси пешбари шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои вазифавӣ супорида мешавад.